Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои мубраме, ки ба он аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад ва сатҳи зиндагии аҳолии минтақа аз он вобаста мебошад ин иқтидори андозӣ мебошад. Бинобар ин, иқтидори андозиро ҳамчун омили пешбарандаи минтақа ба назар гирифта, дар доираи он гузаронидани таҳқиқот мувофиқи мақсад мебошад. Илова бар ин, бояд иброз дошт, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб, ки аҳамияти доимиро дар сатҳи ҷумҳурӣ ба худ касб намудааст ин пеш аз ҳама масъалаи андозӣ мебошад, ки қисми зиёди буҷети давлати моро ташкил медиҳад ва ин масъала на танҳо дар маркази диққати ҳукумати кишварр балки зери таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва коршиносони соҳа қарор дорад. Аз ин лиҳоз мавриди таҳқиқ қарор додани мавзӯи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз тарафи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ буда, аз ҳама нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки вусъатбахшии иқтидори андозии минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ асоси рушди устувори саноатӣ мебошад, ки ин муаммо махсус дар низоми сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар таъкид гардидааст ва ин масъала боиси он мегардад, ки як қатор чораҳо пешбинӣ ва як қатор механизмҳои нав коркард гарданд. Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар таҳқиқоти унвонҷӯ Баротов Амирхон вобаста ба иқтидори андозии минтақа анҷомгардида аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин масъала он ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардида, вобаста ба натиҷаҳо хулосаҳои ҳадафманд ва пешниҳодҳои қобили истифода намудааст. Ҳадафи ҳамаи пешниҳодҳои манзурнамудаи муаллиф баланд бардоштани иқтидори андозии минтақаҳо ва сари вақт таъмин намудани ӯҳдадориҳои андозӣ ва дар ин радиф, тазмини корҳои таҳлилиюояндабинӣ барои таъмини қисми даромади буҷети минтақаҳо, аз ҷумла

минтақаи Хатлон мебошад, ки онро дастовардҳои илмии унвонҷӯ гуфтан мумкин аст.

Бо ин хотир мавзӯи интихобшуда дар шароити имрӯза актуалӣ муҳим ва зарурӣ буда, коркардҳои дар автореферат овардашуда қобили дастгирӣ мебошанд. Чунин ҳолат ва коркардҳои муаллифӣ маънои онро доранд, ки таҳлилҳои анҷомгардида мукаммалии таҳқиқоти илмиро вобаста ба талаботҳои КОА пурра инъикос менамоянд. Илова ба ҳамаи муваффақиятҳои бадастовардашуда баъзе норасоиҳоро низ мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз ба андешаи мо сифати таҳқиқот беҳтар мегардид агар муаллиф ба масъалаҳои зерин аҳамияти бештар медод:

1. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф ба таври алоҳида имкониятҳои иқтидори андозии минтақаро вобаста ба сохтору сарчашмаҳое, ки иловатан ба ин иқтидор таъсир мерасонад, мавриди баррасӣ қарордода мемонд.

2. Ба манфиати кор буд агар аз тарафи муаллиф нишондиҳандаҳои иқтидори андозии минтақа бо дигар минтақаҳо муқоиса гардида, дар натиҷа таҷрибаи ягон минтақаи муваффақ дар самти манбаҳои иқтидори андозӣ мукаммалан пешниҳод мегардид.

Новобаста аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Баротов Амирхон Холмирзоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Т.Р.**

Имзои Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Бобоев А.Х.

**Суроға:**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Суғд, ш. Хуҷанд, к. 17 мкр-н, х. 1, Тел: +992 927777735; E-mail: t_rizokulov@mail.ru